# Маводи таҳлилӣ доир ба масъалаи саводнокии молиявӣ ва даромади хонавода

Дар шароити муосир омӯзиши алоқамандии саводнокии молиявӣ ва сатҳи даромади хонавода аҳамияти муҳим дошта, таҳқиқ ва таҳлили комилро талаб менамояд. Ҳамзамон саводнокии молиявиро яке аз омилҳои муайянкунандаи сатҳи зиндагии аҳолӣ меҳисобанд, ки ба даромади хонавода таъсири бевосита мерасонад.

Дар шароити мунтазам гуногуншакл гардидани хизматрасониҳои муосири молиявӣ ва босуръат зиёд шудани навъҳои маҳсулоти молиявӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, масъалаи қабули қарорҳои молиявии асоснок аҳамияти муҳим дошта, бо сатҳи даромади хонавода алоқамандии бевосита дорад. Дар ин самт таҳлили сатҳи саводнокии молиявии аҳолӣ ва таъсири он ба раванди қабули қарорҳои асоснок ҷиҳати афзун гардидани даромади хонаводаҳо таҳқиқи асоснокро талаб менамояд.

Сатҳи дониши молиявӣ ва дараҷаи дарки мафҳумҳои асосии молиявӣ, ҳамчунин татбиқи амалии донишҳои молиявӣ имкон медиҳад, ки то кадом андоза самаранокии саводнокии молиявӣ ба малакаҳои амалӣ дар идоракунонии даромадҳои хонавода татбиқ карда мешаванд. Сатҳи баланди донишҳои молиявӣ имкон медиҳад, ки хонавода таҳлили муқоисавии маҳсулоти молиявӣ ва моҳияти мафҳумҳои рӯзмарраи истифодашавандаро хубтар дарк намуда, роҳҳои сарфаи маблағҳо ва истифодаи мақсадноки онҳоро донад.

Ҳамчунин, дарк намудани хавф ҳангоми гирифтани даромад, нигоҳдорӣ ва мақсаднок истифодабарии пасандозҳо, сармоягузорӣ дар тиҷорати оилавӣ (хонавода) ё ғайримақсаднок нигоҳ доштани пул дар хона масъалаҳои дигари фарогирандаи саводнокии молиявии аҳолӣ мебошад, ки ин ҳолатҳо метавонанд таъсири манфӣ ё мусбии худро ба сатҳи даромади хонавода расонанд.

Омӯзиши ин масъала аз нуқтаи назари ҳолати ҷойгиршавии аҳолӣ дар ҳудуди мамлакат, дар сатҳи шаҳр ва деҳот, вобаста ба синну сол, ҳолати фарогирӣ ва дастрасӣ ба хизматрасониҳои рақамии молиявӣ низ муҳим дониста мешавад, зеро дониши молиявӣ ё сатҳи саводнокии молиявӣ дар минтақаҳо гуногун буда, хонаводаҳо ба он дастрасии якхела надоранд.

Беҳтар гардидани сатҳи саводнокии молиявии аҳолӣ барои қабули қарорҳои манфиатбахш дар ҳаёти ҳаррӯзаи хонаводаҳо муҳим дониста

мешавад, зеро истифодаи малака ва донишҳои молиявӣ ҷиҳати самаранок ва оқилона дар ҳаёти ҳаррӯза истифода бурдани воситаҳои молиявиро дар бар мегирад. Инчунин, афзудани сатҳи саводнокии молиявии аҳолӣ заминаи асосие мебошад, ки боварии хонаводаҳо ба муассисаҳои молиявии қарзӣ ва эътимоди онҳоро ба бонкҳо бештар намуда, имконияти нигоҳдории маблағҳоро дар кортҳои пардохти ё ҳамёнҳои электронӣ нишонд медиҳад. Афзоиши сатҳи саводнокии молиявии аҳолӣ барои беҳтар дарк ва истифода бурдани навъҳои муосири маҳсулот ва хизматрасониҳои молиявӣ мусоидат намуда, сатҳи огоҳӣ доштан аз навъҳои мухталифи маҳсулот ва хизматрасониҳои молиявӣ, мушкилот ҳангоми анҷом додани хизматрасониҳои молиявӣ, роҳҳу имкониятҳои пардохти хизматрасониҳои молиявӣ ва тадбирҳои интихоби дуруст ва истифодаи бехатари хизматрасониҳои молиявиро дар бар мегирад.

Тавре маълум аст, байни саводнокии молиявӣ ва сатҳи даромади хонавода алоқамандии мустақим ҷой дорад, ки ин фарзияро таҳқиқоти сершумори гузаронидашуда дар кишварҳои гуногун, аз ҷумла дар кишварҳои рӯ ба тараққӣ, тасдиқ кардаанд.

Сатҳи баланди саводнокии молиявӣ имкон медиҳад, ки идоракунии ҳолати молиявии хонавода беҳтар гардида, шахсоне, ки дорои саводнокии баланди молиявӣ мебошанд, буҷети худро дурустар ба нақша мегиранд ва аз гирифтани қарзи ғайримақсаднок канорагирӣ намуда, чӣ тавр ташкил кардан ва сарфа намудани пасандозро медонанд ва бо назардошти хавфҳо сармоягузорӣ менамоянд. Ин ҳолат имкон медиҳад, ки хонавода захираҳои худро самаранок истифода баранд ва даромади воқеии худро афзоиш диҳанд. Интихоби бошууронаи воситаҳои молиявӣ барои хонавода имкон медиҳад, ки даромади худро ҳифз ва зиёд намуда, аз таваррум ва бӯҳронҳо зарари молиявии камтар бинанд.

Инчунин, хонаводаҳое, ки даромади баланд доранд, бештар ба таҳсилот, аз ҷумла таҳсилоти молиявӣ дастрасӣ доранд ва маслиҳати мутахассисонро сари вақт мегиранд, лекин агар хонавода даромади паст дошта бошад дар аксар маврид имконияти маҳдуди гирифтани дониши молиявӣ дорад, махсусан дар деҳот ва дар байни гурӯҳҳои осебпазир ин ҳолат бештар ба назар мерасад.

Мутобиқи тадқиқоти OECD (Созмони Ҳамкории Иқтисодӣ ва Рушд), кишварҳое, ки сатҳи саводнокии молияии аҳолиашон баланд

аст, дар ин кишварҳо сатҳи баланди пасандозҳо, сарбории пасти қарз, ва афзоиши даромад ба ҳар сари аҳолӣ устувортар мебошад.

Дар асоси таҳқиқоти Бонки Ҷаҳонӣ бошад, барномаҳои саводнокии молиявӣ боиси кам шудани шумораи қарзгирандагони беасос ва зиёд шудани шумораи хонаводаҳое мегардад, ки маблағҳоро сарфакорона истифода мебаранд. Баланд бардоштани сатҳи саводнокии молиявӣ яке аз роҳҳои асосии мубориза бо камбизоатӣ ва баланд бардоштани устувории молиявии хонаводаҳо ва ҳавасмандгардонии рушди иқтисодии кишвар мебошад.

Тавре, ки маълум аст аз 1 августи соли 2023 тамоми пардохтҳои давлатӣ ба таври ғайринақдӣ пардохт мешаванд, ки барои хонаводаҳо як имконияти дигари истифодаи самараноки хизматрасониҳои ҳаррӯзаи молиявӣ ва дуруст истифода бурда тавонистани воситаҳои электронии пардохт мебошад. Ҳамзамон, хонаводаҳо бо сабаби афзоиши истифодаи платформаҳои рақамӣ мунтазам ба ҳодисаҳои қаллобӣ, таҳдидҳо ва амалҳои ғайриқонунӣ дучор мешаванд, ки чораҳои муосирро барои муҳофизат аз ҳамлаҳои киберӣ талаб намуда, баланд бардоштани сатҳи саводнокии молиявии хонаводаҳо ва доштани огоҳиро дар бораи чораҳои эҳтиётӣ ва муҳофизат аз қаллобонро тақозо менамояд.

Барои арзёбии саводнокии молиявии аҳолӣ, нишондиҳандаи маҷмуӣ, индекси интегралии саводнокии молиявӣ истифода бурда мешавад, ки натиҷаи панҷ нишондиҳандаи асосӣ; дониши молиявӣ, рафтори молиявӣ, фарогирии молиявӣ, эътимод ба муассисаҳои молиявӣ, банақшагирӣ ва ҳадафҳои молиявиро дар бар мегирад. Коэффитсиентҳои вазнӣ барои ҳар як нишондиҳанда муқаррар гардидааст, ки ҳосили ҷамъи онҳо ба як (1) баробар аст. Индекси дониши молиявӣ заминаест, ки тамоми ҷанбаҳои дигари саводнокии молиявӣ дар ин асос бунёд меёбанд, аз ин лиҳоз ин коэффитсиент вазнаш ба 0,40 баробар аст. Бинобар сабаби он, ки рафтори хуби молиявӣ ба суботи молиявӣ мусоидат намуда, хатари мушкилоти молиявиро коҳиш медиҳад, аз ин нуқтаи назар ҳиссаи коэффитсиенти вазнии индекси рафтори молиявӣ мутаносибан 0,25 қабул гардидааст. Индекси фарогирии аҳолӣ ба хизматрасониҳои молиявӣ ва индекси эътимоди аҳолӣ ба институтҳои молиявӣ аҳамияти дастрасиро ба хизматрасониҳои молиявӣ инъикос намуда, қисман аз шароитҳои берунӣ вобаста мебашанд ва таъсири ғайримустақимро дар бар гирифтаанд, бинобар ин коэффитсиенти вазнии ин индексҳо

мувофиқан 0,10 қабул шудааст. Нишондиҳандаи ниҳоӣ, индекси банақшагирӣ ва ҳадафҳои молиявӣ мебошад, ки коэффитсиенти вазнаш ба 0,15 баробар буда, банақшагирии молиявиро ҳамчун нишондиҳандаи ҷудонашавандаи саводнокии молиявӣ ифода менамояд. Мутобиқи таҷрибаи байналмилалӣ гурӯҳбандии сатҳи индекси интегралии саводнокии молиявӣ чунин аст:

1) Сатҳи хеле паст, коэффитсиент (0 – 0,2) ё (0 - 20 фоиз)
2) Сатҳи паст, коэффитсиент (0,2 - 0,4) ё (21 - 40 фоиз)
3) Сатҳи миёна, коэффитсиент (0,4 – 0,6) ё ( 41 – 60 фоиз)
4) Сатҳи баланд, коэффитсиент (0,6 – 0,8) ё (61 - 80 фоиз),
5) Сатҳи хеле баланд, коэффитсиент (0,8 -1,0) ё ( 81 - 100 фоиз).

Муқоисаи натиҷаи тадқиқотҳои солҳои 2020 – 2024 нишон дод, ки индекси интегралии саводнокии молиявӣ тамоюли афзоишёбӣ дошта, дар соли 2020 ин нишондиҳанда 41 фоиз ва дар соли 2024 ба 51 фоиз расида, афзоиши умумии саводнокии молиявӣ дар давоми панҷ сол 10 банди фоизӣ зиёд шудааст[1].

Масъалаи дигар, ки дар маводи таҳлилӣ баррасӣ гардидааст, омӯзиши даромади хонаводаҳо мебошад. Омӯзиши сатҳи даромади хонаводаҳо аз ҷониби Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳар сол бо гузаронидани тадқиқоти буҷети хонаводаҳо арзёбӣ карда мешавад. Яъне, буҷети 3000 хонавода, ки аз онҳо 1150 хонавода (38,3%) дар шаҳр ва 1850 хонавода (61,7%) дар деҳот зиндагӣ мекунанд, таҳқиқ карда мешавад. Миқдори хонаводаҳои таҳқиқшаванда имконият медиҳад, ки дар маҷмӯъ, ба таври муътамад ва пурра оид ба сатҳи даромад ва хароҷоти хонаводаҳо, инчунин, дар сатҳи 5 минтақа иттилооти кофӣ ба даст оварда мешавад. Мувофиқи таснифоти оморӣ даромади умумии хонаводаҳо маблағи пулии даромад, арзиши аслии маҳсулоти хӯрокворӣ кумакпулиҳои иҷтимоӣ ва имтиёзҳоро дар бар мегирад, ки доштани сатҳи муайяни саводнокии молиявӣ  мақсаднок истифодабарии ин даромадҳоро мефаҳмонад.

Саводнокии молиявӣ ва сатҳи даромади хонавода бо ҳам алоқаманд буда, якдигарро пурра мегардонанд. Омӯзиши ин масъала барои хонавода аз якчанд нуқтаи назар метавон муҳим донист:

1. Банақшагирӣ ва самаранок идоракунии воситаҳои молиявӣ аз ҷониби хонавода.

---

[1] Арзёбии саводнокии молиявии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон. Ҳисоботи таҳлилӣ. Душанбе, 2024. Саҳ. 96.

2. Қобилияти қабули қарорҳои молиявии асоснок.

3. Имконияти дарёфти манбаъҳои нави даромад барои хонавода.

Дар амалия доштани сатҳи муайяни саводи молиявӣ бо афзоиши даромадҳо имконият медиҳад ва доштани сатҳи баланди даромад дар навбати худ барои беҳтар гардидани саводнокии молиявӣ имконият медиҳад.

Дар асоси нишондиҳандаҳои тадқиқоти буҷети хонаводаҳо суръати миёнасолонаи афзоиши даромади хонаводаҳо ба ҳисоби миёна ба як нафар аъзои хонавода дар давоми панҷ соли ҳисоб менамоем.

$\overline{X} = \sqrt[5-1]{\frac{920,83}{475,72}} = \sqrt[4]{1,935} = 1,179,$ яъне аз натиҷаи ҳисоб муайян гардид, ки ҳар сол ба ҳисоби миёна 17,9 фоиз афзоиши даромадҳо ба ҳар як нафар аъзои хонавода ҷой дорад, ки масъалаи доштани саводи кофии молиявӣ ва мақсаднок истифодабарии ин даромадҳоро ба миён мегузорад. Барои таҳқиқи сохтори даромади хонаводаҳо дар ин муддат инчунин нишондиҳандаҳои тафовути мутлақи сохторӣ, индекси интегралии тафовути сохторӣ ва коэффитсиенти тафовути сохтории Гатева, коэффитсиенти Ҷинӣ ва каҷхаттаи Лоренс истифода бурда мешаванд. Коэффитсиенти тафовути сохтории Гатеваро истифода намуда, тағйирёбии сохтори даромадҳои ҳисоб менамоем.

**Сохтори даромади умумии хонаводаҳо ( бо коэффитсиент)**

| **Ҷамъи даромадҳо** | **2019** | **2023** | **($W_i1$- $W_i0$)** | **($W_i0)^2$** | **($W_i1)^2$** | **$W_i1$- $W_i0)^2$** |
|---|---|---|---|---|---|---|
| 1. даромадҳои меҳатӣ | 0,457 | 0,389 | 0,068 | 0,209 | 0,151 | 0,005 |
| 2.трансфертҳои иҷтимоӣ | 0,065 | 0,078 | 0,013 | 0,004 | 0,006 | 0,000 |
| аз онҳо: *нафақа* | 0,063 | 0,049 | -0,014 | 0,004 | 0,002 | 0,000 |
| кӯмакпулӣ ва дигар пардохтҳо | 0,001 | 0,011 | 0,010 | 0,000 | 0,000 | 0,000 |
| 3. даромад аз хоҷагии | 0,042 | 0,148 | 0,106 | 0,002 | 0,022 | 0,011 |

| | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|
| ёрирасони шахсӣ | | | | | | |
| 4. даромад аз фурӯши амволи ғайриманқул | 0,001 | 0,007 | 0,006 | 0,000 | 0,000 | 0,000 |
| 5. даромад аз моликият | 0,002 | 0,002 | 0,000 | 0,000 | 0,000 | 0,000 |
| 6. дигар мадохилот | 0,37 | 0,32 | -0,050 | 0,137 | 0,102 | 0,003 |
| ∑ | 1,00 | 1,00 | 0,003 | 0,356 | 0,284 | 0,019 |

**Ҷадвал аз рӯйи маълумотҳои Нишондиҳандаҳои асосии тадқиқоти буҷети хонаводаҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон, Душанбе 2024 тартиб дода шудааст.**

$$К_г = \sqrt{\frac{\sum(w\,1-w0)^2}{\sum w1^2+\sum w0^2}} = \sqrt{\frac{0,019}{0,284+0,356}} = 0,17$$

Дар асоси истифода ин коэффитсиент сохтори даромади хонаводаҳо қисман тағйир ёфта, соли 2023 нисбат ба соли 2019 дар сохтори умумии даромади хонаводаҳо ин тағйирёбӣ ба 17 фоиз баробар гардида, масъалаи доштани сатҳи муайяни саводнокии молиявӣ ва мақсаднок истифодаи ин маблағҳоро ба миён мегузорад. Аз натиҷаи таҳлил муайян гардид, ки давоми панҷ соли охир афзоиши миёнаи даромадҳо ба ҳар як нафар аъзои хонавода 17,9 фоиз ва сохтори даромади хонаводаҳо бошад 17 фоиз тағйир ёфта мутаносибан бо афзоиши умумии сатҳи саводнокии молиявӣ аҳолӣ, ки дар ин давра 10 банди фоизӣ зиёд гардидааст, алоқаманди бевосита дорад.

Дар мавриди таҳлили сатҳи саводнокии молиявӣ ва алоқамандии он бо даромади хонавода нишондиҳандаи дигар, даромади аҳолӣ аз рӯйи гурӯҳҳои даҳфоиза истифода бурда мешавад, ки тафриқаи (дифференсиатсияи) сатҳи даромадгириро дар байни гурӯҳҳои фарогири аҳолӣ мефаҳмонад. Бинобар ин, нишондиҳандаҳои ($D_1$) - даромади аҳолии даҳфоизаи камтаъмин, ва ($D_9$) - даромади даҳфоизаи бештар таъмин истифода мегардад. Ҳисоби ин нишондиҳандаро аз рӯйи маълумотҳои тадқиқоти буҷети хонаводаҳо дар соли 2020 дида мебароем.

$D_1$= 160,8; $D_9$ =2071,6[2]

Тафовути сатҳи камтарин ва зиёдтарин даромадгирии хонаводаро бо воситаи нишондиҳандаи коэффитсиенти детсил ($K_D$) муайян мекунанд. Яъне, таносуби камтарин ва зиёдтарин сатҳи даромади хонаводаҳо дар соли 2020 чунин аст:

[2] Нишондиҳандаҳои асосии тадқиқоти буҷети хонаводаҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон, душанбе 2024, саҳ 22.

$$K_D = \frac{2071,6}{160,8} = 12,9:$$

Аз ин ҷо бармеояд, ки сатҳи даромади даҳ фоизи хонаводаҳои бештар таъмин буда, дар соли 2020 нисбат ба хонаводаҳои камтаъмин ба як нафар аъзои хонавода, 12,9 маротиба зиёдтар будааст, ки маънояш ҷой доштани тафриқа дар сатҳи даромадгирии ин хонаводаҳо мефаҳмонад. Ҳамзамон баробари зиёд гардидани сатҳи даромади хонавода, талабот ба донишҳои муосири молиявӣ ва доштани сатҳи муайяни саводнокии молиявӣ бештар мегардад.

Барои дақиқтар таҳлил намудани сатҳи даромади хонавода нишондиҳандаи квартили якум ($Q_1$) ва квартили чорум ($Q_4$), ки гурӯҳҳои 25 фоизаи хонаводаҳоро аз рӯйи сатҳи даромадгириашон фарогир аст, ҳисоб карда мешавад.

Ҷиҳати омӯзиши бештари ин масъала сохтори даромади пулии хонаводаҳоро дар сатҳи давлатҳои ИДМ дида мебароем[3].

Дар асоси маълумотҳои ҷойдошта сохтори даромади хонаводаҳо дар сатҳи давлатҳои гуногун буда, дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳиссаи музди меҳнат дар сохтори даромади пулии хонаводаҳо нисбати дигар давлатҳо камтар буда, ҳамагӣ 25,3 фоизро ташкил додааст, ки дар муқоиса бо Озорбойҷон 12,6 б.ф., нисбат ба Арманистон 27,3 б.ф., нисбат ба Белорус 37 б.ф. ва нисбат ба Федератсияи Россия 32,1 б.ф камтар мебошад.

[3] Нишондиҳандаҳои асосии тадқиқоти буҷети хонаводаҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон, душанбе 2024, саҳ 65.




Ҳамчунин, даромад аз машғулият ва фаъолияти соҳибкорӣ бошад дар муқоиса бо Ҷумҳурии Қирғизистон 2,5 б.ф. бо Ҷумҳурии Қазоқистон 7,7 б.ф, Молдова 9 б.ф. ва дар муқоиса бо Арманистон 3,2 банди фоизи бештар мебошад. Лекин, ҳиссаи даромад аз фурӯши маҳсулоти кишоварзӣ дар муқоиса ба аксарияти давлатҳо бештар буда, 6,6 фоизро ташкил додааст. Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳиссаи пардохтҳои иҷтимоӣ ва нафақа дар сохтори даромадҳои пулии хонавода хеле паст буда, ҳамагӣ 5-6 фоизро ташкил додааст, ки дар муқоиса бо Федератсияи Россия 15 б.ф., Белорус 23,3 б.ф ва Ҷумҳурии Қазоқистон 22,7 б.ф. камтар аст. Аз таҳлили сохори даромадҳо бар меояд, ки дар муқоиса бо солҳои пешин ҳиссаи даромадҳои расмӣ дар ҳаҷми умумии даромади хонаводаҳо тамоюли афзоишёбӣ дорад, ки масъалаи беҳтар гардидани сатҳи саводнокии молиявӣ хонавода ва идоракунонӣ воситаҳои молиявиро тақозо менамояд.

Маводи таҳлилӣ ҷанбаҳои назариявии рушди саводнокии молиявиро бо назардошти афзоиши даромади хонаводаҳо ва васеъ гардидани доираи фарогирӣ ва рақамикунонии хизматрасониҳои молиявиро дар бар гирифтааст, ки дар амалӣ гардидани ин ҳадаф қабули Стратегияи миллии фарогирии молиявии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2022-2026 нақши муассир дорад.

**Таклифҳо доир ба масъалаи саводнокии молиявии аҳолӣ ва даромади хонаводаҳо.**

Баъд аз коркарди маводи таҳлилӣ чунин таклифҳо вобаста ба масъалаи саводнокии молиявии аҳолӣ ва даромади хонавода пешниҳод мегардад:

- беҳтар гардидани сатҳи саводнокии молиявии аҳолӣ барои қабули қарорҳои манфиатбахш дар ҳаёти ҳаррӯзаи хонаводаҳо муҳим дониста мешавад, зеро истифодаи малака ва донишҳои молиявӣ истифода бурдани воситаҳои молиявиро дар бар мегирад.
- афзоиши саводнокии молиявӣ имкон медиҳад, ки идоракунии ҳолати молиявии хонавода беҳтар гардида, буҷети худро дурустар ба нақша мегиранд ва аз гирифтани қарзи ғайримақсаднок канорагирӣ намоянд.
- дар шароити муосир баробари зиёд гардидани сатҳи даромади хонавода, талабот ба донишҳои муосири молиявии рақамӣ ва амалан истифодаи ин донишҳо бештар мегардад.
- қабули Стратегияи миллии фарогирии молиявии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2022-2026 ҷиҳати беҳтар гардидани дастрасӣ ба хизматрасониҳои расмии молиявӣ ва баланд гардидани сатҳи саводнокии молиявии аҳолӣ заминаи мусоид ба вуҷуд овард.